**Протоколи № 8**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-010**

«5» феврали соли 2026 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро14 нафар

**Раиси шуро**: Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 январи соли 2022, №27/шд тасдиқгардида, 14 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо аз рӯйи ихтисоси 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ 4 ва ихтисоси 1.4.5. Химияи физикӣ 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисосҳои диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил бетараф? Нест.

Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Жумаев Маъруфжон Тағоймуротович дар мавзуи: «Политермаи комплекси фазагӣ ва ҳалшавандагии системаи обӣ-намакии сулфатҳо, карбонатҳо, гидрокарбонатҳои натрий ва калсий», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисосҳои 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ ва 1.4.5. Химияи физикӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои химия, профессор Қурбонов А.С. ва доктори илмҳои химия Исозода Д.Т. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Жумаев Маъруфжон Тағоймуротович дар мавзуи: «Политермаи комплекси фазагӣ ва ҳалшавандагии системаи обӣ-намакии сулфатҳо, карбонатҳо, гидрокарбонатҳои натрий ва калсий» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссерттасионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Жумаев Маъруфжон Тағоймуротович дар мавзуи: «Политермаи комплекси фазагӣ ва ҳалшавандагии системаи обӣ-намакии сулфатҳо, карбонатҳо, гидрокарбонатҳои натрий ва калсий», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи

ихтисосҳои 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ ва 1.4.5. Химияи физикӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

**1.** Диссертатсияи Жумаев Маъруфжон Тағоймуротович дар мавзуи «Политермаи комплекси фазагӣ ва ҳалшавандагии системаи обӣ-намакии сулфатҳо, карбонатҳо, гидрокарбонатҳои натрий ва калсий», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисосҳои 1.4.2. Химияи ғайриорганикӣ ва 1.4.5. Химияи физикӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Бадалов Абдулхайр** – доктори илмҳои химия, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, профессори кафедраи «Химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ;

– **Абулҳаев Владимир Ҷалолович** – доктори илмҳои химия, профессор, мудири озмоишгоҳи «Химияи пайвастагиҳои гетеросиклӣ» – и Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– **Мирзозода Баҳодур** – доктори илмҳои техникӣ, профессор, сарходими шуъбаи илм, инноватсия, муносибатҳои байналхалқӣ ва маҷалланигории филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе.

1. Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон таъин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**6.** Таърихи баргузории ҳимоя 28.05.2026, соати 13:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ**: тарафдор –14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои химия, профессор Раҷабзода С.И.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои химия Бекназарова Н.С.